# Номгӯи

## ҳуҷҷатҳое, ки бо мақсади гирифтани Шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ ба Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод карда мешаванд

1. Нусхаи сертификати мутобиқат (барои истеҳсоли баъзе молу маҳсулот, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст);

2. Нусхаи хулосаи санитарию эпидемиологӣ (барои истеҳсоли баъзе молу маҳсулот, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст);

3. Нусхаи иҷозатнома (барои истеҳсоли баъзе молу маҳсулот, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст);

4. Рӯйхати воситаҳои асосии субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар он техника ва технология ҳамчун воситаи асосӣ ба қайд гирифта шудааст ё ин ки шартномаи иҷораи техника ва технология;

5. Нусхаи шиносномаи техникии бино (иншоот) бо шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият ё нусхаи шартномаи иҷораи биное, ки дар он молу маҳсулот истеҳсол карда мешаванд;

6. Нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ;

7. Нусхаи эъломияи гумрукӣ ё дигар ҳуҷҷате, ки ҷалби техника ва технологияи навро тасдиқ мекунанд;

8. Нусхаи эъломияи андоз ва гувоҳномаи оморӣ оид ба ҳаҷми истеҳсолот дар корхонаҳои истеҳсолӣ (барои субъектҳои соҳибкорие, ки на камтар аз нисфи истеҳсолоти худро зиёд мекунанд);

9. Маълумотнома оиди шумораи кормандон.